**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

---

**аз «25» июни соли 2020 № 119 ш. Душанбе**

Оид ба радкунии додани
унвони илмӣ

Мутобики банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), бандҳои 121 ва 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2020, № 03/03-111 оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Сиёсатшиносӣ ба Комилбеков Амид Ёрбекович бинобар риоя нагардидани қарори Раёсати Комиссия аз 25 апрели соли 2019, суратҷаласаи №4 рад карда шавад.

2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Комиссия оид ба баррасии парвандаҳои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 2020, суратҷаласаи №5.

Раис А.Розиқзода